«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Муассисаи давлатии
таълимии «Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров»
н.и.т., дотсент Набизода М.С.
_____
10 02 соли 2026

ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Мадизода Умеда Муҳаббат дар мавзуи «Татаббуъ ва таҳаввули он дар шеъри адабиёти асрҳои XI-XII-и форсии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ)

Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм. Диссертатсияи Мадизода Умеда Муҳаббат дар мавзуи «Татаббуъ ва таҳаввули он дар шеъри адабиёти асрҳои XI-XII-и форсии тоҷикӣ» ба бандҳои 9-10-уми бахши «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) мувофиқат мекунад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Яке аз суннатҳои қадимаи адабиёти тоҷик, ки шоирони асил пойбанди он будаанд, дар пайравии шеъри шоири дигар сурудани татаббуъ мебошад. Татаббуъ сурудан аз оғози пайдоиш амали олимона ва устувор ба қоидаҳое будааст, ки на фақат доштани иттилооти дақиқ аз мероси адабии гузашта, балки эҳтиром ва пайравӣ ба ин мерросро низ тақозо мекардааст. Ба ин далел, баррасӣ ва арзёбии робитаи як шеъри муайян ва ашъоре, ки қабл аз он сруруда шудааст ё моҳияти таҷрибаи шоире дар ин замина дарбаргирандаи мутолиаи дақиқи қиёсӣ ва арзёбии қадру манзалати шеър аст. Ин ҳодисаи адабӣ ифодаи робитаи дарунии осори бадеӣ, аз ҷумла татаббуоте мебошад, ки дар пайравии шеъри шоирони даврaҳои гуногун эҷод шудаву таҳаввул ёфтааст.

Кашфи моҳияти ин кашфиёт ва таъсирпазирии шоирони татаббуъсаро аз ҳамдигар мушкилоти илми адабиётшиносӣ буда, таҳқиқ ва баррасии он барои муайян намудани мавқеи ҳунарии ин ё он шоири татаббуъсаро ва равнақи минбаъдаи шеър муҳим ба назар мерасад. Аҳамияти ин таҷрибаи шеърӣ дар он аст, ки масъалаҳои дигари назарӣ ва амалии мушобеҳи он дар заминаи татаббуоти шоирони алоҳида таҳқиқ ва арзёбӣ шуда, нақш ва ҷойгоҳи ин ё он шоир дар ин самт муайян карда мешавад. Ин таҷрибаи шеърӣ дар асрҳои XI-XII ба шакл ва равияҳои гуногун зоҳир гардида

таҳаввул ёфтааст, ки хусусияти хоси равиши инкишофи ин навъи шеъриро дар бар гирифта, мубрамияти мавзуи мавриди таҳқиқро мушаххас месозад.

Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд. Дар таҳқиқоти анҷомдодаи довталаби дараҷаи илмӣ Мадизода Умеда Муҳаббат доир ба мавзуи «Татаббуъ ва таҳаввули он дар шеъри адабиёти асрҳои XI-XII-и форсии тоҷикӣ» ба таври фарогир инъикос ёфтаанд, яке аз бахшҳои муҳимми адабиёти классикиро ташкил медиҳад. Муаллифи диссертатсия бар он аст, ки омӯзиши амиқ ва илмии татаббуъ ва таҳаввули он дар шеъри адабиёти замони мазкур барои фаҳмидани равандҳои татаббуъ ва таҳаввули навъҳои татаббуъсароӣ ва инчунин барои арзёбии мақоми эҷодии адибони ин аср дар адабиёти тоҷик аҳаммияти бузург дорад.

Ҳадафи асосии ин пажуҳиш таҳқиқи роҳу усулҳои татаббуъ ва таҳаввули он дар шеъри адабиёти асрҳои XI-XII-и форсии тоҷикӣ мебошад. Дар доираи ин ҳадаф, муаллиф бо истифода аз равишҳои таҳлили адабиётшиносӣ ва бо такя ба пажуҳишҳои муосир, инчунин бо истифодаи мустақими матнҳои адбӣ, роҳҳои нави омӯзиш ва арзёбии татаббуъ ва навъҳои татаббуъсароиро он пешниҳод намудааст.

Гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои диссертатсия пурра бар асоси таҳқиқоти мустақими муаллиф ва истифодаи васеи манобеи илмии ватанию хориҷӣ таҳия шудаанд. Ин нишон медиҳад, ки кори диссертатсионӣ дорои дараҷаи баланди асосноккунии илмӣ мебошад.

Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда. Навгонии диссертатсия, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик мавзуи «Татаббуъ ва таҳаввули он дар шеъри адабиёти асрҳои XI-XII-и форсии тоҷикӣ» мавриди таҳқиқ қарор гирифта, масъалаҳои марбут ба заминаҳои таърихӣ ва омилҳои пайдоишу ташаккули ин навъи шеърӣ, ҷанбаи мундариҷавӣ ва бадеияту сабки он баррасӣ ва арзёбӣ гардидааст.

Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия. Аҳаммияти назарии диссертатсияро таҳқиқи масъалаи сайри таҳаввули татаббуъ ва нақши шоирони асрҳои XI-XII дар такмили сохтори мундариҷавию бадеии он, таъсирпазири ҳунарии онҳо аз қасоиди Унсурӣ, Фаррухӣ ва Асҷадӣ ва моҳияти тачриба ва ҳунари шоирӣ дар эҷоди татаббуъ ва равишҳои пайравии шоирон аз ҳамдигар ҷузъи муҳимми ҷараёни инкишофи шеъри форсии тоҷикӣ буда, таҳқиқи ҳадафмадонаи ин масъала холигоҳеро дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ пур ва арзиши назарии таҳқиқотро муайян менамояд.

Аҳаммияти амалии диссертатсия дар он зоҳир мешавад, ки таҳқиқоти мазкурро метавон зимни таълифи таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ, таърихи пайдоиш ва ташаккулу таҳаввули татаббуъ, таҳияи маводи таълимӣ, воситаҳои ёрирасони таълими таърихи адабиёт ва омода намудани китоби дарсӣ аз фанни таърихи адабиёти тоҷик барои таълимгоҳҳо, ҳангоми қироати курсҳои махсус аз назария ва амалияи татаббуъсарой дар факултетҳои филологияи донишгоҳҳои олии мамлакат истифода кард. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти муаллифи диссертатсия метавонад дар эҷоди корҳои илмӣ оид ба таърихи адабиёти классикии форсии тоҷикӣ, адабиётшиносии муқоисавӣ ва масъалаҳои назарии адабиёт мавриди истифода қарор гирад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ. Диссертант бо мақсади муайян намудани зинаҳои ташаккул ва таҳаввули татаббуъ ва таҳаввули навъҳои татаббуъсарой, бо мисолҳои фаровон ва асоси консептуалии он дар инъикоси масоили адабиёти асрҳои XI-XII, баррасии равишҳои ҳунарии мутаносиби татаббуъсарой ва тарзи инъикоси бадеии онҳо, таҳлили равиши навъҳои он ва нумунаҳои татаббуъсароён, мушаххас намудани хусусиятҳои тарзи нигориш ва вежагиҳои сабк мушаххас гардидааст. Чунин равиш, яъне баррасии системавӣ ва муқоисавии ҷанбаҳои гуногуни татаббуъ ва таҳаввули навъҳои татаббуъсарой, дурустӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқро пурра таъйид менамояд.

Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он. Саҳми шахсии диссертант дар таҳқиқ ва арзёбии навъи шеърии татаббуъ дар гирдоварии маводи сарчашмаҳои назариву амалӣ, омӯзиш ва натиҷагирӣ аз пажуҳишҳои илмии донишмандони соҳа, фарогирӣ ва муқоисаю баҳрабардорӣ аз назариёти олимони ватанию хориҷӣ, омода намудани мақолаю маърузаҳо ва нашри рисолаю дастурҳои таълимӣ доир ба мавзуи мазкур зоҳир мегардад. Таҳқиқоти анҷомёфта маҳсули заҳмати чандсолаи унвонҷӯ буда, ниҳоят дар шакли диссертатсионӣ ба анҷом расидааст.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Маводи интишорнамудаи муаллиф фарогири муҳтавои асосии диссертатсия буда, аз 6 мақолаи нашршуда 4 номгӯйи он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Мақолаҳои ба табъ расонидаи унвонҷӯ аз нигоҳи мавзуъ ва масъалагузорӣ муҳим ва аҳаммиятнок буда, ифодагари қобилият ва маҳорати таҳқиқии ӯ мебошанд.

Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссератстсия. Мазмуни диссертатсияи мазкур ба таври фарогир масъалаҳои дарпешгузоштаи довталаби дараҷаи илмиро ифода намуда, дар муҳлати муайян аз ҷониби диссертант ба анҷом расонида шудааст.

Диссертатсияи Мадизода Умеда Муҳаббат аз муқаддима, се боб, 7 фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва номгӯи таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ иборат аст.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, робитаҳои таҳқиқ бо барномаҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои методологӣ ва сарчашмаҳои он, равишҳо ва навгониҳои таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назарию амалии таҳқиқ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва ғайра ба таври муфассал нишон дода шудаанд.

Боби якуми диссертатсия **«Ҷойгоҳи татаббуъ дар шеъри форсии тоҷикӣ»** ном дошта, ин масъала дар се фасл таҳқиқ ва арзёбӣ шудааст. Фасли аввал **«Маънои луғавӣ ва истилоҳии татаббуъ»,** фасли дуюм **«Заминаҳои таърихӣ ва омилҳои пайдоишу ташаккули татаббуъ»** ва фасли сеюм **«Сайри таърихӣ ва зинаҳои таҳаввулоти ин навъи адабӣ»** ном дошта, унвонҷӯ аз таҳқиқоти дар фаслҳои зикршуда анҷомдодааш ба хулосаи зер омадааст: «Татаббуъсароӣ дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ анъанаи дерин дошта, бахусус дар асрҳои IX-X ва баъди он зинаҳои гуногуни ташаккул ва таҳаввулро тай намудааст. Шоирони татаббуъсаро дар эҷоди ин навъи шеърӣ суннатҳои шоирони пешинро идома бахшида, ин равияи ҳунариро ҳамчун ҷараёни таъсирпазирӣ ва пайвандҳои адабӣ равнақ бахшидаанд. Аксари шоирони татаббуъсаро пойбанди тақлиди маҳз ва ҷавоб гуфтан набуда, дар ин замина ҳам дар мундариҷа ва ҳам дар шакли ин падида тозакориҳо кардаанд».

Боби дуюми диссертатсия **«Нақши шоирони ҷудогона дар ташаккули татаббуъ»** аз ду фасл иборат мебошад. Фасли якум **«Татаббуоти шоирон ба қасоиди Унсурӣ, Фаррухӣ ва Асҷадӣ» ва фасли дуюм «Шеъри сармашқ ва равиши таъсирпазирӣ аз он»** ном гирифта, дар он унвонҷӯ пас аз таҳқиқи муқоисавӣ ба чунин хулоса омадааст: «Дар асрҳои XI-XII шоирони зиёде ба шеъри ҳамдигар ҷавоб гуфтаанд, вале дар ин миён тарзи нигориши Унсурӣ, Фаррухӣ ва Асҷадӣ мавриди назар будааст. Таҷрибаи ин се шоир заминаи воқеиро барои пайравии эҷодкорона ба вуҷуд овард, ки дар ин замина усули пайравию таъсирпазирии Рашидаддини Ватвот, Саноӣ, Ҳасани Ғазнавӣ, Адиб Собири Тирмизӣ, Асириддини Ахсикатӣ ва

монанди инҳо аз бисёр ҷиҳат тозагиҳо дорад. Пайравии шоирони зикршуда ба шеъри пешиниён фақат санади таъсиргузор ба муҳити адабӣ набуда, баёнгари мухтассоти ҳунарии онҳо низ мебошад. Шоирони ёдшуда ба ашъори салафҳояшон пайравӣ карда, дар ин замина на фақат аз тарзи нигориш ва усули таҳкиявию мадҳии тарзи нигориши онҳо истифода кардаанд, балки дар ташаккул ва таҳаввули сохтори мундариҷавию бадеӣ ва жанрии татаббуот нақши мондагор гузоштанд».

Боби сеюми диссертатсия **«Хусусиятҳои сохтори мундариҷавӣ, бадеӣ ва сабкии татаббуот»** унвон дошта, аз ду фасл иборат мебошад. Дар фасли аввали ин боб-» **Мундариҷаи татаббуоти ин давра ва зинаҳои таҳаввули он»** унвонҷӯ дар заминаи таҳқиқи ба ин натиҷа расидааст, ки мундариҷаи татаббуоти шоирони ин давра зери таъсири воқеаҳои сиёсиву иҷтимоии замон ташаккул ёфта, дар ин замина онҳо масъалаҳои муҳимми иҷтимоиву ахлоқӣ ва фарҳангиро, ки ба сарнавишти шоҳону амирон, амалу кирдори онҳо ва дину оини мардум пайванд мехӯрад, дар татаббуоташон инъикос намудаанд. Дар ин миён мундариҷаи татаббуоти Муиззӣ, Саид Ҳасан ва Асириддини Ахсикатӣ имтиёз дошта, эътирози шоирони ёдшуда ба носозиҳои иҷтимоиву ахлоқӣ ҷузъи муҳимми мундариҷаи татаббуоти онҳо мебошад.

Фасли дуюми боби сеюм **«Хусусиятҳои бадеӣ ва сабкии татаббуот»** номида шуда, дар он диссертант талош кардааст, ки дар такя ба татаббуоти шоирони асрҳои XI-XII хулосаашро оид ба тарзи тасвир ва услуби нигориши шоирони татаббуъсаро ба тариқи зер баён намояд: «Хусусияти бадеӣ ва сабки шоирони татаббуъсарои ин даврараро, пеш аз ҳама, тарзи тасвир, таъбир ва тафсири шоир аз воқеият, сарнавишти инсонҳо ва амалу кирдори онҳо мушаххас месозад. Тарзи бархӯрд бо воқеиятҳо ва усули тасвир хусусияти бадеӣ ва сабкии шоирони татаббуъсарро муайян сохтааст, ки осонии лафз, равонии матлаб ва ибороти азбу латиф ҷузъи он мебошад. Қасидаву татаббуоти шоирони ин давра ифодагари ҳунари тасвиргарии онҳо буда, дар ин гуна осор мухтаво, забон, вожа, тарзи баён, сабк, воситаҳои тасвир содаву заминӣ, мутаносиб бо воқеият ва сарнавишти шахсиятҳои мавриди тасвир мебошад».

Хулоса ва натиҷагириҳои унвонҷӯ. «Хулоса»-и диссертатсия дар 13 банд манзур гардида, онҳо аз ҷамъбасту баррасиҳои фаслу бобҳои диссертатсия берун омадаанд. Рӯйхати адабиёти истифодакардаи диссертант мувофиқи меъёр ва талаботи феҳрастнигорӣ танзим гардидааст.

Дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари дастовардҳои муҳимми илмӣ баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо ба манфиати таҳқиқот хоҳад буд.

1. Унвони диссертатсия "Татаббуъ ва таҳаввули он дар шеъри адабиёти асрҳои XI-XII-и форсии тоҷикӣ" ислоҳ мехоҳад. Ба назари мо, ҳазфи яке аз вожаҳо - «шеър» ё «адабиёт» дар унвони диссертатсия барои муъҷазӣ, равшанӣ ва фаҳмоии муҳтавои диссертатсия мусоидат хоҳад кард.

2. Дар бахши дараҷаи таҳқиқи мавзуъ адабиёти фаровон мавриди истифода қарор гирифтааст, ки ин амр аз имтиёзи диссертатсия ба шумор меравад. Бо вуҷуди ин, мушоҳида мешавад, ки унвонҷӯ на ҳамаи пажӯҳишоти муҳими марбут ба мавзуъро фаро гирифта, онҳоро ба таври зарурӣ нақду баррасӣ намудааст. Аз ҷумла, истифода ва таҳлили таълифоти зерин метавонист ҳусни корро бештар гардонад: А. Шамухаммедов, «Традиции татабу в творчестве Алишера Навои» (на примере татабуат Фани на газели Джами). – Тошканд: Фан, 1984; Е. Э. Бертелс, «Роман об Александре и его главные версии на Востоке». – Москва: Изд-во АН, 1948; Г. Ю. Алиев, «Темы и сюжеты Низами в литературах народов Востока». – Москва: Наука, 1985. – 332 с.; Н. Р. Охунҷонова, «Баъзе аз масоили татаббӯъ ва назирагӯйӣ дар доираи адабии Хӯқанд» // Ахбори ДДБҲСТ. – 2015. – № 4(65). – С. 105–111 ва ғайра.

3. Ба андешаи мо, унвони боби аввал то андозае ниёз ба такмил дорад. Дар сурати мутобиқ гардонидани он бо доираи масъалаҳои мавриди таҳқиқ, мантиқи сохтории кор боз ҳам возеҳтар хоҳад шуд.

4. Баъзе иқтибосҳои дар диссертатсия истифодашуда ниёз ба ихтисор доранд ё мебоист мазмуни онҳо дар робитаи мустақим бо мавзуи баҳс ба кор гирифта шавад. Аз ҷумла, иқтибосҳои марбут ба шарҳи маънои луғавӣ ва истилоҳии мафҳуми «татаббуъ», ки аз фарҳангҳо оварда шудаанд, хеле тӯлонӣ буда, дар баъзе мавридҳо боиси коҳиши мутамарказии баҳс ва ҳусни матн мегарданд. Ҳамчунин, иқтибосҳо аз таълифоти Р. Зиполи низ ихтисорталаб буда, зарур аст онҳо бештар ба таври мухтасар, интихобӣ ва таҳлилӣ истифода шаванд.

6. Хулосаҳои фаслҳои боби аввали рисола аз нигоҳи фарогирии масъалаҳои мавриди пажӯҳиш ва нишон додани дастовардҳои муаллиф ниёз ба такмил доранд. Зарур буд, ки натиҷагирии ҳар як фасл ҷиҳати таъкиди навгонии илмӣ ва мушаххас намудани ҷойгоҳи таҳқиқот дар ҳалли мушкилоти гузошташуда амиқтар карда шавад. Тамаркузи бештар ба

иртиботи мустақими хулосаҳо бо ҳадафу вазифаҳои асосии рисола ба сохтори мантиқӣ ва тавозуни илмии асар мусоидат хоҳад кард.

7. Дар матни диссертатсия саҳву ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд. Ислоҳи камбудиҳои забонӣ ва бартараф намудани ноқисиҳои техникӣ дар ороиши матн ҷиҳати мутобиқ гардонидани асар ба талаботи муқарраршуда ва меъёрҳои таъингардида ҳатмӣ буда, ба ҳусни кор ҳусн зам мекунанд.

Камбудиҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ ва хусусӣ дошта, ба арзиши илмӣ ва муҳтавои куллии таҳқиқоти диссертатсионии Мадизода Умеда Муҳаббат халал ворид намекунанд. Муаллиф вазифаҳои илмию таҳқиқотии дар наздаш гузоштаро дар сатҳи баланди касбӣ иҷро намуда, ба ҳадафҳои ниҳоии рисола даст ёфтааст

Автореферати диссертатсия мувофиқи тартиби муқарраршуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ таҳия гардида, муҳтавои асосии таҳқиқотро фаро мегирад. Дар он натиҷаҳои муҳими илмӣ асоснок карда шуда, паҳлуҳои гуногуни мавзуъ таҳлили ҳамаҷонибаи худро ёфтаанд.

Хулосаи умумӣ оид ба диссерататсия. Хулоса, диссертатсияи Мадизода Умеда Муҳаббат дар мавзуи «Татаббуъ ва таҳаввули он дар шеъри адабиёти асрҳои XI-XII-и форсии тоҷикӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти классикии тоҷики факултети филологияи тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Тоҷизода Шарифҷон Ғайбулло омода гардидааст.

Такриз дар ҷаласаи кафедраи адабиёти классикии тоҷики факултети филологияи тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №7 аз 6-уми феврали соли 2026).

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 13 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 13 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

Раиси ҷаласа:
номзади илмҳои филологӣ,
мудири кафедраи адабиёти классикии
тоҷики факултети филологияи тоҷики
МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” Ҳоҷиев Абдуфаттоҳ Қосимович

Эксперт:
номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи адабиёти классикии
тоҷики факултети филологияи тоҷики
МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба
номи академик Бобоҷон Ғафуров» Тоҷизода Шарифҷон Ғайбулло

Котиби илмии ҷаласа:
номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи адабиёти классикии
тоҷики факултети филологияи тоҷики
МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” Азизов Сорбон Саъдуллоевич

Имзоҳои н.и.ф. Ҳоҷиев А.Қ., н.и.ф. Тоҷизода Ш.Ғ. ва н.и.ф. Азизов С.С.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров Сайдуллозода Заррина Сайдулло

«6»-уми феврали соли 2026

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1,
телефон: 6-52-73, 6-47-39 факс: 6-75-18;
E-mail: rector@hgu.tj; Сомонаи расмӣ: www.hgu.tj